Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Давлатов Бахтиёр Саидакбарович "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Б.С. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, фарогирандаи ҷанбаҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Аз соли 1991 инҷониб дар ҶТ дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ ва иқтисодӣ ба амал омадаанд, ки онҳо хароҷоти зиёди молиявиро талаб мекунанд. Ислоҳоти ҷорӣ, аз ҷумла, ба низоми андозбандӣ, ки воридшавии пардохтҳои андозро ба буҷети давлат таъмин менамояд, таъсир мерасонад. Вобаста ба ин, ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи андозбандӣ дар таъмини фаъолияти муътадили низоми таъмини ҳаёти кишвар, амнияти иқтисодӣ ва соҳибихтиёрии давлат нақши муҳим мебозад. Дар бисёр давлатҳо мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ (пеш аз ҳама, ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд) мушкилоти рӯзмарра буда, он яке аз вазифаҳои муҳимми давлат мебошад. Барои иқтисодиёти имрӯзаи Тоҷикистон мушкилоти саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ин гуфта бо он шарҳ дода мешавад, ки қисми асосии даромадҳои андоз ба буҷет, пеш аз ҳама, ба андозсупорандагон – шахсони ҳуқуқӣ рост меояд.

Бояд қайд намуд, ки дар замони соҳибистикдолӣ бо мақсади танзим намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, кам кардани сарбории андоз ва ба танзим даровардани санҷишҳои андоз тайи солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тадбирҳои муайян мешаванд. Аз ҷумла, аз 23 декабри 2021 Кодекси андоз бо таҳрири нав қабул гардид, ки он низ бо мақсади дар сатҳи нав ба танзим

даровардани муносибатҳо дар соҳаи андозбандиву андозситонӣ равона шудааст.

Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, ба монанди дигар ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд, барои ҷамъият хатари бештарро ба вуҷуд оварда, он боиси ноустувории сиёсати буҷети давлатӣ гардида, ба манфиатҳои миллии давлат таъсир мерасонад. Аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳо захираҳои молиявии давлатӣ ташкил карда мешаванд, ки низоми таъминоти иқтисодиву иҷтимоии мамлакати мо ба онҳо вобаста аст.

Бо мақсади таъмин намудани супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ КҶ ҶТ дар моддаҳои алоҳида ҷавобгариро муқаррар намудааст.

Вале, мутаассифона, новобаста аз якчанд маротиба даровардани тағйироту иловаҳо ба моддаи 292 КҶ ҶТ боз ҳам баъзе камбудиҳо дида мешаванд, ки дар амалия ин маънидодкунӣ татбиқи меъёри моддаи мазкури КҶ ҶТ-ро душвор гардонида, дар масъалаҳои бандубаст ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани субъектони дахлдор баҳсҳоро ба вуҷуд меоварад.

Ҷой надоштани тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ низ дар ин самт ба татбиқи якхелаи ҷинояти саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ мусодат наменамояд.

Имрӯзҳо мушкилии асосии бандубасти ҷиноятҳо дар соҳаи андоз, пеш аз ҳама дар муайян кардани субъекти ҷинояти мазкур, номувофиқатии ҷазоҳои таъиншуда бо мақсади татбиқи ҷазо, мавҷуд будани мушкилотҳо дар духӯрагии қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории андозӣ, надонистан ва сарфаҳм нарафтани қонунгузории андоз аз ҷониби андозсупорандагон, байнисоҳавӣ будани худи андоз ва андозситонӣ ва ғ. мебошад.

Доираи масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқоти илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ниҳоят васеъ буда, паҳлуҳои мухталифи он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин самт назару андешаҳои худро иброз намудаанд. Аммо, бояд хотиррасон намуд, ки то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти алоҳидаи назарӣ ва амалӣ дар самти таҳқиқоти ҷиноятҳо дар соҳаи андоз анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, мақсади таҳқиқоти рисолаи илмӣ таҳлили масъалаҳои назарӣ. ва амалии ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва

санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ буда, дар натиҷаи он дарёфт намудани роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ баҳри ммуқовимат бо ҷиноятҳо дар соҳаи андоз маҳсуб меёбад.

Бояд қайд намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда унвончӯ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

– коркард, таҳия ва пешниҳод намудани мафҳуми ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ва муқаррар намудани хусусиятҳои он;

– гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ;

– таҳқиқи объект ва предмети саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии ватанӣ;

– муайян намудани аломатҳои тарафи объективии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ;

– таҳқиқи аломатҳои субъект ва тарафи субъективии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ;

– таҳияи тавсияҳо оид ба такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ.

Навгонии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки он аввалин таҳқиқоти диссертатсионии ватанӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо мебошад. Ғайр аз ин, пештар дар сатҳи тадқиқоти монографӣ ва диссертатсионӣ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо батафсил таҳлил нагардида буданд. Мафҳуми муайяни саркашӣ аз супоридани андоҳо ва ё пардохтҳо, аломатҳои таркиби он, роҳҳои содир шудани ин ҷиноятҳо дар ин кор таҳлили худро ёфта, усулҳои муайян кардани табиати ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ дида баромада шудаанд. Бо дарназардошти хусусиятҳои умумӣ ва фарқиятҳои байни намудҳои гуногуни ҷинояти саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тартиби бандубасти ин кирдорҳо мураттаб гардиданд, самтҳои

такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод карда мешаванд, масъалаи консепсияи нави илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мушаххас карда мешавад, меъёрҳои таҳлилӣ-муқоисавии ҳуқуқӣ-ҷиноятии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ аз нав муайян карда шудаанд, объектҳо, аломатҳои объективӣ ва аломатҳои субъективии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ таҳлили худро ёфтаанд, хусусиятҳои системавӣ-умумии қонунгузорӣ ва ниҳоди аломатҳои ин ҷиноят муқаррар карда шудаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар кор овардашударо дар таҳқиқоти минбаъдаи илмии мушкилот вобаста ба ҷиноятҳои соҳаи андоз метавон истифода кард.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ, омӯзиши мавзуъҳои алоҳидаи фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи андоз, криминология ва курсҳои махсуси соҳавӣ, инчунин дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ (Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон), судҳо ва мақомоти андоз ва аудит, инчунин палатаи ҳисоби ҶТ метавонанд истифода карда шаванд. Маводҳои таҳқиқот барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳад буд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Карори ҲукуматиҶумҳурииТоҷикисгон аз 30 июни соли 2021, таҳти№ 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, навгонӣ ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 – Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти№ 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Б.С. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Бахтиёр Саидакбарович “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии ҷумҳурии тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ **Назаров А.Қ.**

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, м.Буни Ҳисорак
Тел: (+992) 907-96-74-76

Имзои Назаров А.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**
“25” Октября 2022 с.